**РУСТАМИ ВАҲҲОБ**

# МИРЗО ТУРСУНЗОДА

**Душанбе**
**“Бухоро”**
**2016**

**Муҳаррир**
**Низом Қосим**

**Мусаҳҳеҳ**
**Мирзобек Самадӣ**

**Мрзо Турсунзода, Душанбе, “Бухоро”-2016, с.24**

# МИРЗО ТУРСУНЗОДА

МУХТАСАРИ ШАРҲИ ҲОЛ ВА ОСОР

Устод Мирзо Турсунзода 2 майи соли 1911 дар деҳаи Қаратоғи ноҳияи Ҳисор (ҳозира Шаҳринав) таваллуд ёфтааст.

Соли 1930 Дорулмуаллимини Тошкандро хатм карда, минбаъд дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» ва қисми адабии Театри давлатии мазҳакаю мусиқии Ленинобод ба номи А.С.Пушкин фаъолият кардааст.

Соли 1935 дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба кор шурӯъ намудааст.

Аз соли 1946 то замони вафот Раиси Иттифоқи нависандагони ҷумҳурӣ буд. Соли 1951 академики АИ РСС Тоҷикистон интихоб шуд.

Фаъолияти адабияш аз соли 1929 оғоз ёфтааст.

Соли 1939 маҷмӯаи «Шеърҳо»-яш аз чоп баромад.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ шеърҳои ватандӯстонаи ӯ «Хайр, модари азиз!», «Хотираи капитан», «Ҳамшираҳо» (1941), «Сарчашмаи мардонагӣ», «Ҳаргиз», «Ба ҷанг» (1942), «Баҳодури тоҷик» (1943), «Фарзанди ту меояд» (1944) вирди забони хосу ом гардида буд.

Дар достонҳои «Писари Ватан» (1942) ва «Арӯс аз Маскав» (1945) ғояи дӯстию бародарии мардуми шӯравӣ тараннум ёфтааст.

Ашъори баъдиҷангиаш дар маҷмӯаи «Тӯҳфаи ҷавонӣ» (1947) гирд омадааст.

Дар соли 1948 барои қисми якуми силсилаи ашъори ҳиндустонӣ («Қиссаи Ҳиндустон», «Рӯди Ганг», «Меҳмони мағрибӣ», «Тара Чандри», «Боғи муаллақ», «Дар ёди кас») шоир сазовори Ҷоизаи давлатии СССР гардидааст.

Баъдан, пайиҳам, маҷмӯаҳои ашъори ӯ «Пайғом» (1949), «Ман аз Шарқи Озод» (1950), «Мавҷи табрикҳо» (1951), «Қиссаи Ҳиндустон» ва «Қиссаи машҳур» (1954), «Асарҳои мунтахаб» (1955), «Чароғи абадӣ» (1958, ба ҳуруфи арабӣ) ва ғ. аз чоп баромад.

Шоир соли 1960, барои достони «Ҳасани аробакаш» ва силсилаи шеърҳои «Садои Осиё» сазовори Ҷоизаи умумииттифоқии ленинӣ гардид.

Устод Тусунзода дар соли 1963 барои достони машҳуру маҳбуби “Ҷони ширин” бо Мукофоти давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Ҷоизаи комсомоли ленинии Тоҷикистон тақдир шуд.

Гулчини офаридаҳои устод дар маҷмӯаҳои «Ҷони ширин» (1965), «Асри ман» (1974) ва чаҳор ҷилди «Куллиёт» (1971-1985) интишор ёфтаанд.

Достони «Аз Ганг то Кремл» (1970) ва силсилаи шеърҳои «Посбони оташ» (1977) аз шоҳкорҳои адибанд, ки аз ҷониби хонандагон хеле хуш пазируфта шудаанд.

Устод Турсунзода дар рушди драматургияи тоҷик низ саҳми муносиб гузоштааст. Песаҳои «Ҳукм» (1934), «Роҳатхон» (1935), драмаи манзуми «Хусраву Ширин» (1936, бо ҳамқаламии Абдусалом Деҳотӣ), матни операи «Шӯриши Восеъ» (бо ҳамқаламии Абусалом Деҳотӣ) навишта шуда, соли 1941 дар заминаи он якумин либреттои тоҷикиро ба майдон овардаанд). Либреттои операҳои «Тоҳиру Зуҳро» (1944) ва «Арӯс» (1945) аз он ҷумлаанд.

Соли 1965 киностудияи «Тоҷикфилм» аз рӯи сенарияи ӯ филми бадеии «Ҳасани аробакаш»-ро ба навор гирифта, филмҳои ҳунарии «Бо амри дил» ва «Субҳи Ганг» низ дар заминаи филмномаҳои ӯ офарида шудаанд.

Яке аз аввалин маҷмӯаҳои эҷодиёти шифоҳии халқ – «Намунаи фолклори тоҷик» (1940, 1945, 1957) бо саъю ширкати бевоситаи ӯ нашр гардидааст.

Маърӯзаҳо ва мақолаҳои пурмуҳтавои адабиётшиносӣ ва публитсистии устод имрӯз ҳам дорои аҳаммияти хос мебошанд.

Асарҳои алоҳидаи А.С.Пушкин, Т.Г.Шевченко, Н.А.Некрасов, Ҷамбул, Ш.Руставели, Ш.Рашидов, Зулфия ва дигаронро басо моҳирона ба тоҷикӣ гардондааст.

Аксари навиштаҳои устод Турсунзода ба бисёр забонҳои мардуми шӯравӣ ва халқҳои мутамаддини олам борҳо тарҷумаву чоп шудааст

Ходими маъруфи давлатию ҷамъиятӣ, вакили мардумӣ дар порлумони ҷумҳурӣ ва шӯравӣ, раиси Кумитаи ҳамдилӣ бо халқҳои Осиёву Африқо, узви Кумитаи шӯравии сулҳ ва садорату котиботи Иттифоқи нависандагони шӯравӣ, раиси Кумитаи ҷумҳуриявии муҳофизати сулҳ, Кумитаи Мукофоти Ленинӣ ва раиси Кумитаи Мукофоти давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ буд.

Хидматҳои бедареғаш Бо чор ордени Ленин, ордену медалҳои «Инқилоби Октябр», «Байрақи сурхи меҳнат», «Нишони фахрӣ», «Кирилл ва Мефодий», «Ҷамол Абдулносир» ва Медали тиллои Кумитаи шӯравии муҳофизати сулҳ тақдир шудааст.

Барандаи Мукофоти байналхалқии Ҷавоҳирлаъл Неҳру (1967) мебошад.

Соли 1961 нахустин соҳиби унвони ифтихории Шоири халқии Тоҷикистон гардидааст.

Барои хизматҳои бузурги адибию ҷамъиятияш соли 1967 сазовори унвони олии Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, соли 2001 бо салоҳдиди Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон шарафёб ба унвони олии Қаҳрамони Тоҷикистон шудааст.

Аз соли 1934 узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон аст.

24 сентябри соли 1977 аз олам даргузашт.

Оромгоҳи шоир дар «Мазористони Лучоб» маҳалли зиёрати ихлосмандони шоир мебошад.

Ин аст шарҳи бисёр мухтасари аҳвол, осор ва хизматҳои ҷоннисоронаи фарзанди фарзонаи халқ, шоири миллат, Қаҳрамони Тоҷикистон устод Мизо Турсунзода, ки дар сарчашмаҳои бисёр, аз ҷумла дар китоби “Адибони Тоҷикистон” (Душанбе: Адиб, 2014) ҷой дода шудааст ва барои ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ огоҳӣ аз ин маълумот зарур мебошад.

Аммо ин маълумоти шарҳиҳолӣ барои падидор кардани симои дурахшони устод Мирзо Турсунзода бисёр кам аст. Устод Турсунзода шахсияте буд, ки хираду ҳикмати ҳазоронсола ва зиндадилонаи миллати мо, эътиқод ва эътимоди устувор ба ҷовидонагии некӣ ва накукорӣ, одамият, инсондӯстӣ, шуҷоат дар ҳимоят аз ҳақиқат, сулҳ, ҳуқуқи мардуми ситамдидаи ҷаҳон, ваҳдати инсонҳои некиродаи дунёро дар вуҷуди худ муҷассам карда буд.

## АҲАММИЯТИ МИЛЛӢ ВА ҶАҲОНИИ ОСОРИ УСТОД МИРЗО ТУРСУНЗОДА

**(Ӯ на чун бигзашта, чун оянда аз мо дур буд)**

Лозим аст, таъкид шавад, ки баъзе афроди ноогоҳ ё ғаразнок ашъори устод Турсунзодаро ба замони зиндагии худи ӯ ва давлати Шӯравӣ маҳдуд медонанд ва ҳатто гоҳо мегӯянд, ки бо мақсадҳои сиёсии махсус шахсияти ӯро аз будаш бузургтар нишон дода, шеъри садаву одии ӯро ноҳақ шеъри олӣ ва пурарзиш шуморидаанд. Аммо посухи қатъии ин гуна эродҳо пеш аз ҳама ба воситаи ашъори оламгири устод, ки дар забони мардуми дунё ва беш аз ҳама дар забони миллати худаш ҷорист ва ба воситаи эҳтирому муҳаббати бузурги намояндагони барҷастаи миллатҳои дигари ҷаҳон барои ҳамеша дода шудааст.

Бо вуҷуди ин лозим аст, ки дар чанд банди мухтасар бори дигар ба хидматҳои инсонӣ ва адабии устод Мирзо Турсунзода назар андозем.

- Устод Турсунзода бо қобилияти беназири ташкилотчигӣ ва сарварие, ки

дошт, адибони тоҷик, хусусан истеъдодҳои ҷавонро дар ҳайати Иттифоқи нависандагон муттаҳиду тарбият намуда, барои дар ҷумҳурӣ дар сатҳи муносибу шоиста чоп ва қадршиносӣ шудани асарҳо ва шахсияташон тамоми имкониятҳоро ба кор мебурд. Гузашта аз ин ӯ барои барқарор намудани робитаи адабии ҳар яке аз адибони тоҷик бо адибони дигари халқҳои Шӯравӣ ва тарҷумаву чопи асарҳои онҳо ба забонҳои дигар, хусусан забони русӣ аз нуфуз ва эътибори баланди худ ба таври аҳсан истифода мекард. Бо вуҷуди машғулиятҳои зиёд ва сафарҳои пайвастааш ба кишварҳои дунё, тақрибан тамоми асарҳои хурду бузург, назмиву насрии адибони тоҷикро хонда, ба онҳо баҳои одилона ва ҳаққонӣ медод, онҳоро роҳнамоӣ менамуд. Гузашта аз ин, ҷараёнҳои адабӣ ва адабиётшиносиро равшанбинона муайян мекард ва адибонро аз ҷараёнҳои манфӣ ва бенатиҷа огоҳ менамуд. Дониш, огоҳӣ ва ҳунари устод Турсунзода ҳам дар назм, ҳам дар наср ва ҳам дар адабиётшиносӣ комил буд.

Ҳамин эҳсоси волои сарварӣ ва масъулиятшиносии баланд буд, ки ӯ ҳам мисли устод Айни дар соатҳои пеш аз вафоташ ин байти машҳурро вирди забон дошт:

Тарсам, ки ман бимираму ғам бепадар шавад,
Ин тифли нозпарвари ман дарбадар шавад.

Ин ғам ғами миллат, ватан, адабиёти тоҷик ваояндаи он буд.

- Устод Турсунзода мундариҷаи аслии мавзӯии назми муосири моро барои оянда таъйин кард, ки иборат аст аз ситоиши ҳувият ва асолати инсони мушаххас ва дар ин замина васфи ватани аслӣ (зодгоҳ) ва рамзҳои дигари азизу муқаддаси он мисли модар, табиати ватан, бахусус кӯҳ ва рӯд, бузургони фарҳангу адаб, ойину русуми миллӣ ва унсурҳои хоси он дар матни арзишҳои умумибашарӣ.

- Осори манзуми устод Турсунзода, ки тақрибан аз тамоми навъҳо ва жанрҳои суннатӣ ва нисбатан нав фароҳам шудааст, раванди хеле табиӣ ва қонунманди рушду таҳаввули шаклии назми тоҷикро то остонаи арӯзи нав ё худ шеъри нимоӣ дар худ таҷассум намудааст. Бахусус, тозакориҳои устод Турсунзода дар таркиби мусаммат ва қолаби нави ба истилоҳ «чаҳорпора», омезиши таркибии қолабҳои шеърӣ, истифодаҳои хос аз радиф, аз ин назар қобили таваҷҷӯҳ мебошанд. Агарчи баръакс шоирони қабл аз устод Турсунзода чун Пайрав Сулаймонӣ ва устод Лоҳутӣ дар қолаби арӯзи нав шеър гуфтаанд, вале шеъри нави тоҷик аз назари таркиби забону баён ва фазои зеҳнӣ ба шеъри устод Турсунзода хеле наздик аст. Аз ҷумла манзумаи «Садои Осиё» ва достони «Ҳасани аробакаш», ки аввалӣ дар заминаи маснавӣ ва дуввумӣ дар қолаби чаҳорпора навишта шудаанд, раванди ботадриҷи аз омезиши имкониятҳои ин ду қолаб ба вуҷуд омадани арӯзи нави тоҷикиро дар худ инъикос намудаанд.

- Қимати зиндаи таърихии осори устод Турсунзода арзиши адабии онро меафзояд. Ҳар шеъри Турсунзода як саҳифаи рангини адабии таърихи Тоҷикистон ва дунёи рӯзгори ӯст, ки бо ҳамин маъно шоир ва осораш ба таркиби талмеҳоти шоирона ворид шудаанд. Масалан, шоири зиндаёд Лоиқ Шералӣ дар васфи Душанбе менависад:

Туро Айнӣ сутуни ҳовидон шуд,
Туро дохундаҳо бунёд карданд.
Ҳасан ҳамроҳи Турсунзода Мирзо
Зи хишту аз сухан обод карданд.

- Омезиши имкониятҳои назм ва наср, ки яке аз аслтарин вижагиҳои таъйинкунандаи шеъри нав дар ҳамаи адабиётҳо ба шумор меравад ва аз ҷумла падари шеъри нави Эрон Нимо Юшиҷ бар он таъкид намудааст, дар осори Турсунзода ба равшанӣ мушоҳида мешавад. Хусусан, дар достони ҳамосии «Ҳасани аробакаш», ки аз назари диққат ва нозокати тасвир на танҳо насри маъмулӣ, балки романи дорои таҳлили равонӣ (психологиро) ба ёд меорад. Шоир дар танзими муколамаҳои озод дар ин достон то ҳадде

муваффақ аст, ки зеҳни хонанда садди назмро эҳсос намекунад, озод дар сарсари бандҳои достон ҳаракат мекунад. Дар айни ҳол ҳар банд чошнии хосе аз шеър дорад.

Масалан:

Рӯзи аввал Садаф намедонист,
Ки чи сон дарсро шурӯъ кунад.
Аз паси кӯҳи илм чун хуршед,
Ба сари деҳ чи сон тулӯъ кунад…

Дар ин банди достон мисли бандҳои дигар ҷаҳони ботинии қаҳрамон ва азму орзуи поку бузурги ӯ бисёр табиӣ ва самимона баён шудааст.

- Вобаста ба мавриди пешин, нав кардани таркиби забони шеър бо омезиши муносиби унсурҳои классикӣ, забони зиндаи мардум ва фолклор ва унсурҳои байналмилалӣ. Аз назари таркиби забонӣ, ки дар шаклгирии поэтикаи шеъри Турсунзода бисёр муҳим аст, ҳар як шеър мисли як таҷрибаи хос аст ва гоҳо чунин ба назар мерасад, ки гӯё Турсунзода шеъреро маҳз ба хотири таҷриба кардан ва қонунӣ намудани яке аз таркибҳои забони зинда эҷод карда бошад.

Мисли ин шеър, ки таркиби феъли давомдори тоҷикӣ бо калимаи ёвари “дорад” дар он махсус интихоб шудааст:

Чӯпон ба сари кӯҳу чаридан рама дорад,
Аз санг ба харсанг паридан рама дорад...

- Ғанӣ сохтани фарҳанги шеъри тоҷик бо шумораи зиёди калимаҳо, мафҳумҳо, образҳо ва асотир аз адабиёти ҷаҳон. Хусусан, адабиёти навиштори ва гуфтории Осиё ва Шарқ. Адабиётшинос Шарафбону Пӯлодова дар як мақолаи худ дар ин хусус чунин маълумот медиҳад: «Ҳиндшиноси маъруфи рус Л.В. Шапошникова, ки солҳои зиёд дар Ҳиндустон кор ва зиндагӣ карда, роҷеъ ба таърих ва этнографияи он як силсила китобҳои ҷолиб таълиф намудааст, боре ҳамсафари камина дар ин мамлакат буд. Ҳангоми суҳбат ӯ роҷеъ ба ашъори ҳиндустонии Мирзо Турсунзода сухан ронда гуфта буд: «Барои мо, донишҷӯёни онвақта, силсилаи ашъори «Қиссаи Ҳиндустон» на фақат асари бадеӣ, балки сарчашмаи боэътимоди маълумоти тоза оид ба Ҳиндустони муосир буд».[1]

- Густариши бисёр васеъи ҷуғрофиёи зеҳнӣ ва маънавии шеъри тоҷик. Ҳамзамон дубора ҷаҳонӣ кардани шеъри форсии тоҷикӣ ва дар муколамаи ҷаҳонӣ ба воситаи шеъри худ бар сари масоили рӯз ворид кардани бузургони адаби форсии тоҷикӣ. Дар шарҳи ин мавзӯъ бояд гуфт, ки тақрибан дар ҳамаи ашъори дар мавзӯъҳои байналмилалӣ сурудаи шоир ҳатман аз суханони бузургони адаби форсии тоҷикӣ бамавқеъ ёдоварӣ ва истифодаи бисёр муносибу пуртаъсир мешавад. Масалан, дар шеъри “Тара Чандри” аз ашъори Ҳофиз ва Бедил чунин истифода шудааст.

- Ба вуҷуд овардани шароити густариши дубораи адабиёти форсизабон (бахусус адабиёти муосири форсизабон) дар яке аз гаҳвораҳои қадими ин адабиёт, яъне Ҳиндустон. Устод Муъмин Қаноат дар ин хусус мегӯяд: «Ин замоне буд, ки ҳанӯз дар қораи Ҳинд забони форсӣ зинда буд ва маҳфилҳои шеъри форсӣ гардон. Ин ҳам як омиле аст, ки боиси чунин самимӣ баромадани ин силсилаи шеърҳои устод Турсунзода шудааст. Устод Турсунзода дар маҳфилҳо ва маҷлисҳое дар Ҳиндустон шеъри худро ба форсӣ мехонданд ва ин чиз боиси болидани табъу илҳомашон мегашт, хушашон меомад».[2]

- Эҳёи вусъат ва жарфои фалсафии образҳо ва таъбирҳои шоирона. Адабиёти суннатии тоҷик ҳамеша бахши фаъоли тафаккури фалсафӣ буд ва образҳои машҳур ва

[1] Шарафбону Пӯлодова. Њиндустон дар эљодиёти Мирзо Турсунзода//Садои Шарќ, 2011,№5. – с.143.
[2] Мӯъмин Ќаноат. Андешаи истиќлол//Садои Шарќ, 2009, №9 – с.3.

таъбирҳои маъмулии шоиронаи он камтар маҳдуд ба як мавриди зимнӣ ва гузаро мегардид, балки онҳо гунаи (варианти) адабии мафҳумҳои фалсафӣ буданд. Дар шеъри Турсунзода аз паймона ва мизони категорияҳои фалсафӣ назар кардан ба мафҳумҳое чун замон ва макон ва фазо (вақт, осмон, замин) ва ғайра ба равшанӣ мушоҳида мешавад. Аз ҷумла, дар ин шеъри машҳури устод:

Дар фазо парвоз кардам гарчи аз рӯйи замин,<br>
Чашмро, аммо, намекандам ман аз сӯйи замин...

Басо чунин воқеъ мешавад, ки маҳз соддагии шеъри устод Турсунзода диққати хонандаро ҷалб мекунад ва суолеро пеш меорад, ки чаро шоир ин ҳақиқати ошкорро таъкид кардааст. Масалан:

*Рӯди ман, олам дигар шуд, ту ҳамон астӣ, ҳамон,*<br>
*Сарзаминат пурсамар шуд, ту ҳамон астӣ, ҳамон…*

Нигоҳи шоир дар ин шеър як нигоҳи амиқи фалсафӣ аст. Рӯд ин ҷо рамзи камол ва асолате аст, ки дигар тағйир намепазирад, вале олами атрофи худро тағйиру таҳаввул медиҳад. Аз мусоҳибаи фарзанди устод Турсунзода, устоди фалсафа Фирӯза Турсунзода бо хабаргузории ВВС  (28 майи 2011) маълум мегардад, ки шоир ба ҷанбаи фалсафии ин шеър таваҷҷӯҳи бевосита доштааст: «Дар фалсафаи диалектика Гераклит мегӯяд, ки ба як дарё ду маротиба даромадан ғайримумкин аст. Зеро ҳама чиз равон ва дар ҳоли инкишоф аст. Вақте падарам шеъри “Рӯди ман олам дигар шуд, ту ҳамон астӣ, ҳамон”-ро навиштанд, аз ман пурсиданд, ки ин мавзӯъ бо кадом фалсафаи ту рост (ҷӯр) меояд? Ин мисраъ фалсафаи туро бекор мекунад, зеро олам дигар шуд, вале рӯд ҳамон тавр монд». Албатта, дар ин сӯҳбат то ҷое зарофат ва лутфи  падарона ҳам ҳаст, вале ба хубӣ нишон медиҳад, ки шоир бо фалсафаи ҳокими замон «панҷа ба панҷа афкандааст».

- Ба воситаи ҳифзи комили вижагиҳои милии шеър исбот кардани ин ҳақиқат, ки миллият монеъ ва маҳдудкунандаи интишори адабиёт дар вусъати ҷаҳонӣ нест, балки баракс ба ин амр мусоидат ҳам мекунад. Устод Турсунзода бо он ҳама вусъати ҷаҳонии мавзӯи ашъораш, ҳаргиз аз хурдтарин унсури ойин ва суннатҳои миллӣ сарфи назар намекард, балки намаки шеъри худро маҳз аз ин ҷо мегирифт. Масалан:

Гар ба чашми мо намедӯшид модар шири хеш,<br>
Кӯри модарзод дар айём мемондем мо.

Бубинед, аз ин суннати мардумӣ, ки модари тоҷик қатраи шири худро дар чашми тифли навзод чун давои бинoӣ мечаконад, чи фарзи пурмаъноӣ шоирона эҷод шудааст.

- Пас аз сукути муваққат дубора эҳё намудани ормони (ё идеяи ё мавзӯи) озодӣ ва тараққии Шарқи мазлум, ки дар ду асри охир мавзӯи асосии адабиёти пойдории (муқовимати) форсизабон, аз ҷумла адабиёти тоҷик буд, ки дар осори устод Айнӣ, устод Лоҳутӣ ва Иқболи Лоҳурӣ ин  мавзӯъ дурахши хос дорад. Ҳанӯз дар достони «Чароғи абадӣ», ки ба навъе баёни меросбарии маънавӣ ва адабии Мирзо Турсунзода аз устод Айнӣ мебошад, шоир маҳз аз дари ҳамин мавзӯъ вориди баҳс мешавад ва устод Айниро васияткунандаи масъалаҳои Осиё ва Шарқ муаррифӣ мекунад:

Ба рӯяш нур бинам, барқ бинам,<br>
Ҳувайдо саргузашти Шарқ бинам.<br>
Чу Айнӣ Шарқ асиру бенаво буд,<br>
Ба зери чоҳи зиндон Осиё буд.<br>
Кунун Шарқи куҳан бедор гаштаст.<br>
Ба озодипарастон ёр гаштаст.

Бисёре аз қитъаҳои осори ҳиндустонии устод Турсунзода имрӯз ҳам чандон наву ҷолиби таваҷҷӯҳ ба назар мерасанд, ки гӯё ҳамин соат гуфта шудаанд:

Дар забон орад араб шодона Аттаҳрирро,

Нек бинад чеҳраи ояндаи тақдирро.

(«Садои Осиё»)

Ҳиндӣ аз дасти мусулмон дар азоб,
Худ мусулмон аст бо ҳоли хароб…
Як ҳавову як замин як обро,
Як макон, як ҷойи хурду хобро,
Як ғаму андӯҳро, як дардро,
Як садои дил, як оҳи сардро
Ғайри бевиҷдон ба ду тақсим кард,
Мамлакатро ҷойи хавфу бим кард.

(«Духтари муқаддас»)

Хасм хоҳад замини Афғонро,
Ба саломат намебарад ҷонро.
Кишвари дӯстдори истиқлол,
Нагузорад касаш кунад помол.
Ҳар як афғон далер сарбоз аст,
Дар масофи шадид мумтоз аст.

(«Аз Ганг то Кремл»).

Шояд дар мавзӯи озодии Шарқ ва Осиёи мазлум, ки мавзӯи асосии адабиёти форсизабон дар асрҳои 19 ва 20 буд, дар тамоми адабиёти форсизабон пас аз Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ ҳеч шоири дигаре бештар ва пуртаъсиртар аз устод Турсунзода сухан нагуфта бошад. Бо камоли бовар метавонем бигӯем, ки хусусан дар нимаи дуюми асри 20 машҳуртарин шоири форсизабон дар сатҳи ҷаҳонӣ ва байналмилалӣ устод Мирзо Турсунзода буд. Мутаассифона, то имрӯз ҳеч шоири форсизабони дигаре дар миқёси ҷаҳонӣ бар пояи устод Турсунзода нарасидааст.

- Бешак, осори ба мавзӯи озодии Шарқ бахшидаи устод Турсунзода дар бедории андешаи истиқлоли миллии тоҷикон ҳам нақши пуртаъсир дошт. Ин мавзӯъ ва дар маҷмӯъ мавзӯи андешаи истиқлоли миллӣ дар осори устод Турсунзода дар мақолаи алоҳидаи нависандаи ин сатрҳо нисбатан муфассал баррасӣ шудааст.[3]

- Симо ва маънои тоза додан ва аз ин тариқ дубора эҳё кардани образҳои машҳур, таркиби сувари хаёли (образҳои) суннатӣ ки дар матни шеърҳои устод Турсунзода гоҳо ба равшанӣ ва гоҳо таҳтонӣ ва дар зерматни зеҳнии шеър эҳсос мешавад.
Масалан, як образ ё устураи бисёр қадимӣ «пири муғон», ки дар шеъри классики мо як образи сирфан маънавӣ ва зеҳнӣ аст, дар шеъри Турсунзода зинда мешавад ва таҷассуми зебои табиӣ меёбад.

Симу зар, сурмаву симоб диҳад кӯҳи Ҳисор,
Ташнагонро шабу рӯз об диҳад кӯҳи Ҳисор,
Чорзону зада дар майкада чун <u>пири муғон</u>
Ҷоми саршори майи ноб диҳад кӯҳи Ҳисор.

Ҳатто дар шеъри имрӯзи мо, ки ба гуфти бисёриҳо бо системаи образҳо ва сувари хаёли машҳури адабиёти классикӣ ва талмеҳоту устураҳо хеле ғанитар гардидааст, камтар мебинем, ки як образи комилан «классикӣ» ва ирфонӣ чун “Пири муғон” ба ин ҳад ошно ва мушаххас тасвир ва тасаввур шавад ва симои азизтарин ва табиитарин рамзҳои зиндагӣ ва муҳити мо қарор бигирад. Гоҳо равонӣ ва мусиқии мафтункунандаи ашъори устод Турсунзода, табъи хонандаро ба осонӣ аз матои шеър гузор дода, боис мегардад, ки ба чунин зарофатҳои дохилии он чандон таваҷҷӯҳ нашавад.

---

[3] Рустами Ваҳҳобиён. Хонаи тоҷик равшантар шавад…//Адабиёт ва санъат, 25 июли 1991.

Чунин зинда, мушаххас ва муосир кардани образҳои қадимӣ дар шеъри устод Турсунзода зиёд дучор мешавад. Ҳамчунин:

Кард Да Гама ба рӯи баҳрҳо
Чун хубоби хонабардӯше шино.

Корвон мерафт, фарёди ҷарас
Мерасид аз кӯҳҳо бар гӯши кас.
Бехабар буданд аз мо Бомиён,
Сангпайкар, сангдил бутҳои он..
Боз шуд дарвозаи Искандарӣ,
Бе дами шамшеру зарби ханҷаре.

«Ҷони ширин»

Рафт он давре, ки инсонро пур аз таҳқир буд,
Шабнишинро нуқли маҷлис донаи занҷир буд.

«Садои Осиё»

Ҳамеша зеҳни шоир аз ин навъ образҳо ва тасвирҳо ва мазмунҳо саршор аст ва ба мавқеъ онҳоро чун нигин дар хонаи нав менишонад. Ба таври густурдатар ва якпорчатар шеъри машҳури «Тара-Чандри» аз ҳамин имтиёз бархурдор аст, ки гӯё қолии нақшинест аз се нах, ки яке дар дасти Ҳофиз, яке дар Бедил ва яке дар Турсунзода аст, бофта шудааст ва ба тавре, ки Ҳофизу Бедил мисли Турсунзода муосир шудаанд.

Аммо амиқии суннатҳои адабӣ дар шеъри устод Турсунзода хеле бештар аз ин аст, ки гоҳо нишони андаки онро дар сатҳи болоии шеъраш мушоҳида мекунем. Ин суннатҳо ба масал чун обҳои зеризаминиест, ки барои сар кашидани гулу гиёҳи тозаи шеър бо рангу бӯйи хос дар боғи адаби Турсунзода мусоидат мекунад. Масалан, вақте ин қитъаро мехонем:

Нақш бандад солҳо дар ёди кас
Дашти бепоёну фарёди ҷарас.
Раъду барқу гиряи абри баҳор,
Мавҷи баҳру фикри дурии канор -
(«Дар ёди кас» 1948)

Бо мушоҳидаи вожаҳои хосе чун «ҷарас», «мавҷ», «баҳр» (дарё) ва «канор» (соҳил) маълум мегардад, ки шоир дар муҳити азими фикрӣ ва маънавие, ки Ҳофизро фаро гирифта буд, роҳ мепаймояд (Шаби торику бими мавҷу гирдобе чунин ҳоил…) ва агар чизҳоеро аз ин пири маънавии худ ёд гирифта бошад, дар иваз аз назари физикӣ ва табиӣ худаш ин муҳитро тай кардааст ва сайри маънавии Ҳофизро бо сайри ҷуғрофиёии худ пайвастааст.

Ё вақте мехонем:

Шодам, аммо мехӯрам ғамҳои халқи дигаре,
Дар назар меоварам тороҷгашта кишваре –

Беихтиёр аз қитъаи маснавии машҳури Саъдӣ ёд мекунем:

Бани Одам аъзои як пайкаранд,
Ки дар офариниш, зи як гавҳаранд.
Ту к-аз меҳнати дигарон беғамӣ,
Нашояд, ки номат ниҳанд одамӣ.

Таваҷҷуҳ ба ҳамин суннатҳои пойдори гуманистии адабиёти форсии тоҷикӣ буд, ки устод Турсунзода, дар миқёси Шӯравӣ, то ҳадде ба сурати барномавӣ ҳам барои таблиғи андешаҳои башардӯстонаи ин давлати оламшумул интихоб гардид.

Хулоса, кохи муҳташам ва зебои назми Турсунзода таврест, ки аз дурдаст намои устодонаи он назаррабоӣ мекунад ва замоне ки бинанда вориди он мегардад ва ҳарчи бештар зеҳн мемонад, мебинад, ки рӯйи ҳар хишти он бо нақшҳои дилкаш ва ҳакимона ороста шудааст.

Шахсият ва осори ҷовидонии устод Мирзо Турсунзода дар шароити имрӯзии ҷаҳонӣ шудани тамаддунҳо ва миллатҳо намунаи барҷаста ва барномаи амали судманде мебошад, ки ба воситаи он мо бомуваффақият ва сарбаландона ҳифз намудани арзишҳо ва ҳувияти миллиро дар матни фарҳанги ҷаҳонӣ ёд мегирем. Устод Турсунзода хеле пештар аз замони мо дар ин ҷараён ворид шуда, роҳи дурусти ояндаро ҳам дар рафтор ва ҳам дар осор барои мо равшан кардааст. Барои ҳамин аст, ки яке аз шогирдони содиқи ӯ Шоири халқии Тоҷикистон Бозор Собир гуфта буд:

**Ӯ на чун бигзашта, чун оянда аз мо дур буд.**

Ҳар қадар ки мо ба сӯйи Оянда пеш меравем, ба устод Турсунзода наздиктар мешавем.